# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ҚАРОР

Дар бораи Тартиби кори нуқтаҳои санитарию карантинӣ

Мутобиқи моддаи 115 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тартиби кори нуқтаҳои санитарию карантинӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ташкилию ҳуқуқии кори нуқтаҳои санитарию карантиниро дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ҳал карда, инчунин муҳофизати санитарии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар нуқтаҳои гузаргоҳи сарҳади давлатӣ таъмин намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 30 сентябри соли 2021, №416
ш. Душанбе

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 сентябри соли 2021, №416

## ТАРТИБИ КОРИ НУҚТАҲОИ САНИТАРИЮ КАРАНТИНӢ

### *1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ*

1. Тартиби кори нуқтаҳои санитарию карантинӣ (минбаъд-Тартиб) фаъолияти мақоми ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолиро муайян карда, танзими ҳуқуқии ваколату уҳдадориҳои шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори давлатиро ҳангоми амалӣ намудани назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар нуқтаҳои гузаргоҳи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

2. Назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ тавассути нуқтаҳои санитарию карантинӣ амалӣ карда мешавад.

### *2. ТАШКИЛИ КОР ВА ФАЪОЛИЯТИ НУҚТАҲОИ САНИТАРИЮ КАРАНТИНӢ ДАР НУҚТАҲОИ ГУЗАРГОҲИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ*

3. Барои ташкили кор ва фаъолияти нуқтаҳои санитарию карантинӣ дар нуқтаҳои гузаргоҳи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории амалкунанда биноҳои маъмурӣ, иншоот, таҷҳизоти зарурӣ пешниҳод гардида, ҳуҷраҳои алоҳида бо дарназардошти таъиноти истифодабарӣ ҷудо карда мешаванд:

- ҳуҷраи махсуси алоҳида (изолятор) барои бемор (беморон) ва шахсони гумонбар ба бемориҳои сироятӣ бо дарназардошти ҷойи алоҳида барои табиб, ҳоҷатхона ва ҳаммом;
- ҳуҷраи ҳайати кормандони навбатдор;
- ҳуҷраи маишӣ;
- анбор барои нигоҳдории лавозимоти санитарию зиддиэпидемикӣ.

4. Нуқтаҳои санитарию карантинӣ дар нуқтаҳои гузаргоҳи сарҳади давлатӣ ҳадди ақал бояд дорои лавозимоти зерин бошанд:

- яхдон барои нигоҳдории намунаҳо;
- яхдон-борҷома бо унсурҳои хунукнигоҳдоранда;
- таҷҳизоти фосилавии муайянкунандаи ҳарорати бадан;
- ҳароратсанҷҳои тиббӣ (10 адад);
- радиометр-дозиметр (2 адад);
- фонусҳои барқии сайёр (на камтар аз 2 адад);
- либоси якдафъаинаи инфиродии зиддивабо (муҳофизатии) навъи 1 (2 либосӣ барои 1 корманд);
- либоси муҳофизатии бисёркарата (1 либосӣ барои як корманд);
- хилъатҳои тиббӣ (2 хилъатӣ барои ҳар як корманд дар як баст);
- дастпӯшакҳои тиббӣ (100 ҷуфт) ва дастпӯшакҳои резинии хоҷагидорӣ (10 ҷуфт);
- ниқобҳои муҳофизатии тиббӣ (яккарата, 100 адад);
- воситаҳои муҳофизатии инфиродии пӯст ва узвҳои нафаскашӣ (ниқоби зидди газ) ба ҳар як корманд;
- пешдомани резинӣ ё полиэтиленӣ;
- оринҷбанди резинӣ ё полиэтиленӣ (2 ҷуфт);
- дастмолҳои безараргардонии яккарата барои чораҳои пешгирикунандаи шахсии кормандон (50 дона);
- маводи аэрозолии зиддиҳашаротӣ ва репеллентӣ (5 ададӣ ҳар кадом);
- доруқуттии кумаки аввалияи тиббӣ (тибқи муқаррарот);
- маводи безараргардонӣ;
- зарфҳо барои тайёр намудани маҳлули маводи безараргардонӣ (1 зарфи дараҷабандигардида) барои безараргардонии дастон (1 адад), барои безараргардонии либоси муҳофизатӣ (2 адад), барои безараргардонии айнакҳои муҳофизатӣ (1 адад), барои ҷамъоварӣ ва безараргардонии ихроҷи беморон (3 адад);
- маҷмӯи лавозимот барои гирифтани намуна аз беморони (гумонбаршудагони) вабо, барои гирифтани намуна аз иншооти муҳити зист, барои дастрас намудани ҳашароти хунмак, канаҳо, буғумпойҳо ва ғайраҳо ба озмоишгоҳ ҷиҳати гузаронидани чораҳои таъҷилии пешгирикунандаи шахсӣ.

5. Пур кардан ва иваз намудани маҷмӯи лавозимоти санитарию зиддиэпидемикӣ ва маводи тиббӣ бояд мунтазам бо дарназардошти муҳлати истифодабарии доруворихо ва асбобу анҷоми тиббӣ ба амал бароварда шаванд.

## *3. НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ САНИТАРИЮ ЭПИДЕМИОЛОГӢ ДАР НУҚТАҲОИ САНИТАРИЮ КАРАНТИНӢ ДАР НУҚТАҲОИ ГУЗАРГОҲИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ*

6. Назорати эпидемиологӣ, баҳодиҳӣ ва эътино кардан, чораҳои тиббию санитарӣ ба шахсоне, ки сафарҳои байналмилалиро тавассути нақлиёти ҳавоӣ ва воситаҳои нақлиёти рӯизаминӣ ба амал меоранд,

тибқи Тартиби мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, гузаронида мешавад.

7. Дар нуқтаҳои гузаргоҳи сарҳади давлатӣ ҳангоми мавҷудияти ҳолатҳои бавуҷудоварандаи хатар дар самти таъмини бехатарии санитарию эпидемиологии аҳолӣ назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ аз ҷониби кормандони масъули нуқтаҳои санитарию карантинии Маркази экспертизаи санитарию эпидемиологӣ ва назорат дар нақлиёту сарҳадот, ки дар назди Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ташкил карда шудааст, гузаронида мешавад.

8. Ба ҳолатҳои бавуҷудорандаи хатар дар самти таъмини бехатарии санитарию эпидемиологии аҳолӣ ҳангоми воридот ба ҳудуд ва ё тариқи транзитӣ гузаштан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб дониста мешаванд:

- ҳаракати ҳавопаймоҳо, воситаҳои нақлиёти рӯизаминӣ (роҳи оҳан ва автомобилӣ) аз / ба давлатҳое, ки дар он минтақаҳои бемориҳои сироятии хавфнок ё садамаҳои кимиёвӣ ва радиатсионӣ (тибқи рӯйхати давлатҳое, ки аз ҷониби Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ пешниҳод гардидааст) ба қайд гирифта шудаанд;

- тибқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби сарнишинон ва роҳбаладони ҳавопаймоҳо ва ё роҳбарони нақлиёти рӯизаминии мусофиркаш пешниҳод нагардидани маълумотномаи пешакӣ оид ба набудани шахсони гумонбар дар байни мусофирон ба бемориҳое, ки гузаронидани чораҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемикиро барои ҳифзи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб мекунанд;

- сафари шахсони тариқи хатсайрҳои байналмилалӣ аз давлатҳое, ки минтақаҳои бақайдгирифтаи бемориҳои сироятии хавфнок доранд ва ё аз чунин давлатҳо дар давраи номуайянии бемориҳои сироятӣ ташриф овардаанд;

- дар рафти назорати давлатии санитарию эпидемиологии қаблан дар гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ гузаронидашуда ва муайян намудани риоя нагардидани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи бехатарии санитарию эпидемиологии воситаҳои нақлиёте, ки интиқоли байналмилалиро ба анҷом мерасонанд;

- ирсол намудани почтаҳои байналмилалӣ бо вайрон гардидани яклухтии бастаи либос, лавозимоти рахти хоб ё дигар асбоби рӯзгори қаблан истифодашуда, контейнерҳо, бозичаҳои аз дигар давлатҳо воридшуда, ки дар он ҷо бемориҳои сироятӣ ба қайд гирифта шудааст ё аз минтақаҳои дорои эпидемия;

- расидани огаҳинома оид ба ҳузур доштани шахсони гумонбар ба бемориҳои сироятии ниҳоят хавфнок дар воситаҳои нақлиёт;

- воситаҳои нақлиёте, ки аз минтақаи давлатҳои дорои бемориҳои сироятии хавфнок ва ё аз минтақаҳои эпидемикӣ ворид шудаанд;

- муайян намудани далелҳои барзиёдии сатҳи радиатсия дар молҳои зериназоратӣ ва воситаҳои нақлиётии гузаранда.

9. Назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ҳангоми вуруд ва хуруҷ дар гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ чораҳои зеринро дар бар мегирад:

- баҳодиҳии маълумоти пешниҳодгардида аз ҷониби командирон, роҳбарон ва сарнишинони ҳавопаймоҳо, нақлиёти обӣ ва рӯизаминӣ то омада расидан мувофиқи ҳуҷҷатҳои тасдиқгардидаи қисми санитарӣ (декларатсия);

- санҷиши ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи қисми санитарии воситаҳои нақлиёт, дафтари санитарии шахсӣ, шиносномаи санитарии нақлиётӣ ва ё хатсайри кашонандаи маводи хӯрокворӣ, дафтари бақайдгирии расонидани кумаки тиббӣ, дар ҳолати зарурӣ шаҳодатномаи байналмилалӣ оид ба ваксинагузаронӣ ҳангоми гузаштан аз назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар нуқтаҳои санитарию карантинӣ;

- азназаргузаронии визуалии воситаи нақлиёти аз сарҳад гузаранда, пурсиши ҳайати сафарбаршудагон, ронандагони воситаҳои нақлиёт ва мусофирон.

10. Дар тамоми воситаҳои нақлиёт, контейнерҳо, бағоҷ, борҳои зериназоратӣ, ки аз кишварҳои дорои минтақаи бақайдгирифтаи бемориҳои сироятии хавфнокдошта ворид гардидаанд, дар ҳолати ҷой доштани аломатҳои эпидемикӣ (вуҷуд доштани ҳашарот, канаҳо, буғумпойҳо ва ғайраҳо ва ё аломатҳои мавҷудияти онҳо) якҷо бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар доираи ваколат, салоҳият ва хусусиятҳои соҳавиашон, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, чорабиниҳои дезинфексионӣ, дезинсексионӣ ва дератизатсионӣ гузаронида мешаванд.

11. Шахсони мансабдори анҷомдиҳандаи назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар нуқтаҳои санитарию карантинӣ оид ба гузаронидани чораҳои санитарӣ дар воситаҳои нақлиёт ва ҳуҷҷатҳои интиқолию роҳбаладӣ қайди махсус мегузоранд.

12. Бо мақсади муҳофизати санитарии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вориду паҳн нагардидани бемориҳои сироятӣ (паразитӣ), ки барои аҳолӣ таҳдиди хатар доранд, кормандони ваколатдоре, ки назорати давлатии санитарию эпидемиологиро дар нуқтаҳои санитарию карантинӣ амалӣ менамоянд, дар доираи ваколатҳояшон корҳои зеринро анҷом медиҳанд:

- ченкунии ҳарорати бадани ҳайати идоракунандагон, ронандагони воситаҳои нақлиёт ва мусофирон (вобаста ба нишондоди эпидемиологӣ ё мавҷудияти шикоят ба вазъи саломатӣ);

- ташкил ва гузаронидани муоинаи тиббӣ ҳангоми мавҷуд будани шикоят аз вазъи саломатӣ;

- дар сурати дарёфт намудани шахсони гумонбар ё шахсони ба бемориҳои ниҳоят хавфнок гирифторшуда ва ё ҳангоми вуҷуд

доштани таҳдиди хатар ба муҳити зист, то ҳозир шудани бригадаи зиддиэпидемикӣ онҳоро дар ҳуҷраи ҷудогонаи махсус нигоҳ медоранд;

- муоинаи санитарии воситаҳои нақлиёт (нуқтаҳои хӯрокхӯрӣ, обтаъминкунӣ, ҷамъоварӣ ва нобудсозии ҳамаи намуди партовҳо), инчунин муоинаи санитарии барангезандагони бемориҳои сироятии хавфнок (вуҷуд доштани ҳашарот, канаҳо, буғумпойҳо ва ғайраҳо ё аломатҳои мавҷудияти онҳо).

13. Ҳангоми дар воситаҳои нақлиёт мавҷуд будани шахси бемор (беморон) ё шахсони гумонбар ба бемориҳои сироятӣ, дар асоси пешниҳоди шахсони вазифадори мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии санитарию эпидемиологии аҳолӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавопаймо ба минтақаи санитарӣ, қатора ба роҳи оҳани санитарӣ, нақлиёти автомобилӣ ба майдончаи санитарӣ барои гузаронидани чораҳои санитарию зиддиэпидемикӣ равона карда мешаванд.

14. Чорабиниҳои санитарию эпидемиологӣ нисбати воситаҳои нақлиёт, мол ва маҳсулот, бемор (беморон) ва шахсони гумонбар ба бемориҳои сироятӣ бо дарназардошти талабот ва муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини бехатарии санитарию эпидемиологии аҳолӣ ва Қоидаҳои байналмилалии тиббию санитарӣ (2005) ба таври фаврӣ оғоз ва ба анҷом расонида мешаванд.

15. Назорати санитарию карантинии молу маҳсулот дар нуқтаҳои санитарию карантинӣ дар нуқтаҳои гузаргоҳи сарҳади давлатӣ, гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи сифат, бехатарӣ ва мутобиқати онҳоро ба ҳуҷҷатҳои интиқолӣ, роҳбаладӣ ё савдою тиҷоратии онҳо дар бар мегирад.

16. Муоина ва интихоби намунаҳои молу маҳсулоти зериназоратӣ барои баҳодиҳӣ дар ҳолатҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- риоя нагардидани шароити интиқол, кушода будани контейнерҳо;
- бо аломатҳои осеб қарор доштани бастаҳои молу маҳсулот;
- воридоти молу маҳсулот аз минтақаҳои дорои мақоми эпидемиологии ногувор ё сироятёфта дар натиҷаи садамаҳои радиатсионӣ (радиоактивӣ), кимиёвӣ ва биологӣ (дар мавриди аз ҳад зиёд будани меъёри афканишот ва олудашавии онҳо ҳангоми интиқоли моводи радионуклеидӣ), борҳои хатарнок бо аломатҳои осебдидаи дохилӣ, бо мавҷудияти ҳашарот, канаҳо, буғумпойҳо ва ғайраҳо ё нишонаҳои онҳо;
- ҳангоми муайян кардани номутобиқатии ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи сифат ва бехатарии онҳо ба ҳуҷҷатҳои интиқолӣ, роҳбаладӣ ё савдою тиҷоратӣ;
- ҳангоми пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳои дахлдор, аз ҷумла хулосаи санитарию эпидемиологӣ;
- тибқи ҳуҷҷатҳои амалкунанда ва тартиби бақайдгирии давлатии навъҳои алоҳидаи моводу молҳо;

- тибқи дархости мақомоти ваколатдори дахлдор иштирок намудан ва гузаронидани муоина, санҷиш бо интихоби намунаҳои молу маҳсулот.

17. Аз ҷониби шахсони мансабдор, ки назорати давлатии санитарию эпидемиологиро дар нуқтаҳои санитарию карантинӣ анҷом медиҳанд, дар сурати муайян кардани ҷавобгӯ будан ё набудани молу маҳсулот ба талаботи бехатарии саломатӣ ва ҳаёти инсон барои ворид шудан ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳуҷҷатҳои интиқолию роҳбаладӣ ё савдою тиҷоратӣ бо сабти номи мақоми ваколатдор, сана, имзо ва муҳри рақамдор қайди муҳри "Воридот иҷозат дода шуд" мегузорад ё воридоти онҳоро ба ҳудуд манъ намуда, дар шакли хаттӣ ба интиқолдиҳанда бо нишон додани сабабу хатар, феҳристи молу маҳсулот ва номи истеҳсолкунанда, рӯйхати ҳуҷҷатҳои роҳбаладии бори мазкур, чораҳои андешидашуда хабар дода, инчунин ба мақомоти болоӣ ва дахлдор иттилоъ медиҳад.

18. Ҳамаи чораҳои гузаронидашаванда дар нуқтаҳои санитарию карантинии гузаргоҳи сарҳади давлатӣ дар ҳуҷҷатҳо ва шаклҳои бақайдгирии тибқи тартиби муқарраргардида тасдиқшуда сабт карда мешаванд.

19. Транзити ҳама гуна молҳо, маҳсулот, ашёҳо, борҳо ва ғайраҳо тавассути низом ва назорат дар нуқтаҳои гузаргоҳи сарҳади давлатӣ бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурии эътирофшуда барои вуруд ва хуруҷ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, бе азназаргузаронӣ, кушодан ва фаровардан дар нуқтаи роҳдиҳӣ амалӣ шуда, буду боши онҳо дар минтақаи воридшавӣ ва қоидаҳои гузаштан аз гузаргоҳи сарҳади давлатӣ то минтақаи дигари гузариш тавассути шахсони мансабдори мушоиаткунандаи мақоми ваколатдор анҷом дода мешавад.

## *4. ҲАМКОРӢ БАЙНИ МАҚОМОТИ НАЗОРАТИИ ДАВЛАТӢ ДАР НУҚТАҲОИ ГУЗАРГОҲИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ*

20. Дар ҳолати муайян намудани бемор (беморон), ҳомилон ва ё шахсони гумонбар ба бемориҳои сироятӣ дар воситаҳои нақлиёт ё барангезандаҳои бемориҳои сироятии хавфнок, инчунин молу маҳсулоти ба ҳаёт ва саломатии инсон хатарнок, шахсони ваколатдори Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар амалӣ намудани назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар гузаргоҳи сарҳади давлатӣ нақши ҳамоҳангсозиро доир ба фаъолияти мақомоти назорати давлатии дахлдор дар сарҳад иҷро менамоянд.

21. Ҳамкории муштараки Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ бо хадамотҳои сарҳадӣ, гумрукӣ, бехатарии озуқаворӣ ва дигар мақомоту идораҳои дахлдор оид ба муоина ва назорати воситаҳои нақлиёт, ронандагону мусофирон барои амалисозии назорати санитарию эпидемиологӣ дар нуқтаҳои гузаргоҳи сарҳади давлатӣ бо мақсади пешгирии воридшавии бемориҳои сироятии ниҳоят хавфнок тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва аз рӯи принсипи "Истгоҳи ягона" ба анҷом расонида мешавад. Ҳангоми ошкор кардани

ҳолатҳои қочоқи молу маҳсулоти манъкардашудаи дар муомилотбуда, аз ҷумла маводи нашъаовар аз ҷониби ҳайати кормандони нуқтаҳои санитарию карантинӣ мақомоти дахлдор барои андешидани чораҳои зарурӣ фавран хабардор карда мешавад.

## *5. МАБЛАҒГУЗОРИИ НУҚТАҲОИ САНИТАРИЮ КАРАНТИНӢ ДАР НУҚТАҲОИ ГУЗАРГОҲИ САРҲАДИ ДАВЛАТӢ*

22. Маблағгузорӣ ва таъминоти моддию техникии нуқтаҳои санитарию карантинӣ дар нуқтаҳои гузаргоҳи сарҳади давлатӣ бо тариқи зайл анҷом дода мешавад:

- аз маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ба соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷудогардида, ки барои фаъолият ва нигоҳдории мақомоти дахлдори назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар нуқтаҳои санитарию карантинӣ дар нуқтаҳои гузаргоҳи сарҳади давлатӣ пешбинӣ карда мешаванд;
- аз манбаъҳои дигаре, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда нашудаанд.

23. Маблағгузории хароҷот барои амалисозии чорабиниҳои пешгирикунанда, санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемикӣ дар ҳолатҳои фавқулода оид ба бартараф кардан ва пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ (паразитӣ), заҳролудшавӣ ва бемориҳои оммавии аҳолӣ ва гузаронидани дигар чорабиниҳои зиддиэпидемикӣ аз ҳисоби фонди махсуси эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар манбаъҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда нашудаанд, пардохт карда мешавад.

## *6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ*

24. Барои вайрон кардани Тартиби мазкур шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.